«Тасдиқ менамоям»
Муовини директор оид ба илм,
таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии
Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ,
________________н.и.к. Раҷабов Н. А.
«23» октябр. с. 2020

# Хулосаи

Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз суратҷаласаи №8-и маҷлиси васеи шуъбаи селексия ва технологияи занбӯриасалпарварии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ бо иштироки олимони: шуъбаҳои парандапарварии интенсивӣ, шуъбаи селексия ва технологияи чорвои ширӣ, шуъбаи селексия ва технологияи чорвои гӯштӣ, аспарварӣ ва қутоспарварӣ, шуъбаи селексия ва технологияи гӯсфандпарварӣ ва бузпарварӣ, шуъбаи илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ, Маркази ҷумҳуриявии биотехнологияи чорво, озмоишгоҳи таҳлили умумӣ, экология ва генетикаи чорво, шуъбаи хӯронидани чорво ва технологияи истеҳсоли хӯрока, шуъбаи беҳдошти чарогоҳ, шуъбаи моҳипарварӣ ва харгӯшпарварӣ, шуъбаи итилоот, машварат ва татбиқи дастовардҳои илмӣ ҳамчунин олимони факултети зооинженерии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур.

Кори диссертатсионӣ дар мавзӯи «Таъсири омилҳои экологию биологӣ ба тухмгузории модарзанбӯр ва маҳсулнокии оилаҳои занбӯри асал дар шароити ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон» (тасдиқи мавзуъ №13 аз 23.10.2017с.) дар шуъбаи селексия ва технологияи занбӯриасалпарварии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ ба анҷом расонида шудааст.

Аз тарафи унвонҷӯй имтиҳонҳои минимумӣ санаи 07.02.2015с. аз фанни забони англисӣ 4 (хуб), санаи 10.03.2018с. аз фанни таърих ва фалсафаи илм бо баҳои 4 (хуб), санаи 01.02.2020с. аз фанни зоотехнияи умумӣ бо баҳои 4 (хуб) ва санаи 10.02.2020с. аз фанни зоотехнияи хусусӣ, технология ва истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ бо баҳои 4 (хуб) супорида шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Амиршоев Ф.С.- доктори илмҳои биологӣ, директори Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ

**Мушовири илмӣ:** Шарипов А. - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи парандапарварӣ ва занбӯриасалпарварии Доншгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур.

Дар охири муҳокимаи ҷаласа чунин хулоса бароварда шуд:

Иштироки шахсии муаллиф дар азхудкунии натиҷаҳои кори илмӣ. Ҷурабоева Ҳ.Н. зиёда аз 4 сол таҷрибаҳои илмӣ – хоҷагӣ, озмоишӣ ва истеҳсолиро гузаронида натиҷаҳои дилхоҳ ба даст овардааст. Ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ маълум гардид, ки омилҳои экологию биологӣ ба тухмгузории модарзанбӯр ва маҳсулнокии оилаҳои занбӯри асал дар шароити ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон таъсири мусбӣ мерасонанд.

Кори диссертатсионӣ дар навбати худ кори илмии анҷомёфта мебошад, ки ҳамаи натиҷаҳои ба дастовардашуда шахсан ба худи муаллиф таалуқ дорад ё бо иштироки бевоситаи худи муаллиф ба даст оварда шудаанд.

**Аҳамият ва мубрам будани мавзӯи таҳқиқот.** Яке аз масъалаҳои рӯзмарраи замони муосир ва барои рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ хеле муҳиму муфит, ин муайян намудани таъсири омилҳои экологию биологӣ ба тухмгузории модарзанбӯрон ва маҳсулнокии оилаҳои занбӯрони асал мебошад.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки тараққиёти соҳаи занбӯриасалпарварӣ аз якчанд омилҳо вобастагӣ дорад. Махсусан таъсири омилҳои экологию биологиро ба афзоишёбӣ ва маҳсулнокии оилаҳои занбӯрони асал бояд дар мадди назар гирифт. Гарчанде, ки оид ба таъсири ин омилҳои муҳим ба соҳаи занбӯриасалпарварӣ дар ҷумҳуриҳои ҳамсоя маълумотҳои гуногуни аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда хеле зиёд бошанд ҳам, аммо омӯзиши ин масъала дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Мақсади таҳқиқот:** Мақсади таҳқиқоти илмӣ - ин омӯзиши таъсири омилҳои экологию биологӣ ба тухмгузории модарзанбӯр ва афзун намудани маҳсулнокии оилаҳои занбӯри асал дар шароити ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон мебошад.

**Объекти таҳқиқот** – барои гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ оилаҳои занбӯрони асал, ки хусусиятҳои экологию биологӣ ва хоҷагидории онҳо вобаста ба офаридани модарзанбӯр омухта шудааст, истифода бурда шудаанд.

**Мавзӯи таҳқиқот** – таъсири омилҳои экологию биологӣ ба тухмгӯзорӣ ва маҳсулнокии оилаҳои занбӯрони асал дар шароити ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

1. Муайян намудани нишондодҳои зимистонгузаронӣ;

- сарфи хӯрока ба як оила, ба занбӯрони байни ду шон ва ба як дона занбӯр.

2. Омӯзиши тараққиёти баҳории модарзанбӯр дар моҳҳои феврал ва март дар ноҳияи Кӯшониён;

- санҷиши ҳарорат ва намнокии дохили канду вобаста ба фасли сол;
- давраи аввали тухмгузории модарзанбӯр вобаста ба ҳарорат, намнокӣ ва газы карбон;
- муайян намудани қувваи оилаи занбӯри асал дар аввали фасли баҳор;

3. Офаридани модарзанбӯр вобаста ба фасли сол, шаҳдҷудокунии растаниҳо ва истифодаи хӯрокаҳои серғизо;
- тайёр намудани оилаи пурққуват бо истифодаи усули думодарӣ дар кандуҳои хобида;

4. Муайян намудани хусусиятҳои биологӣ ва хоҷагидории модарзанбӯрони офаридашуда;
- муайян намудани вазни халтачаи шаҳдоварӣ, парвози занбӯр дар 3 дақиқа ва овардани гарди гул;
- таъсири омилҳои экологию биологӣ ба маҳсулнокии асалӣ ва мумии оилаҳои занбӯри асал;

5. Дараҷаи сифатнокии маҳсулотҳои занбӯри асал;
6. Баҳисобгирии смаранокии иқтисодӣ ҳангоми таъсири омилҳои экологию биологӣ ба маҳсулнокии оилаҳои занбӯри асал.

**Усулҳои таҳқиқот** – дар кори илмӣ – таҳқиқотӣ усулҳои зоотехникӣ, биологӣ, экологӣ ва иқтисодӣ истифода бурда шудаанд.

**Соҳаҳои таҳқиқот**– соҳаи занбӯриасалпарварӣ, аз рӯйи шиносномаи ихтисоси 06.02.10 – зоотехнияи хусусӣ, технология ва истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ.

**Марҳилаҳои таҳқиқот**–корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ солҳои 2017-2020 гузаронида шудааст.

**Пойгоҳи асосии итилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот** – хоҷагии занбӯриасалпарварии «Файзали Саидов» ва хоҷагии фермерии «Бекмуродов М»-и ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон мебошанд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ**. Барои исботи дурусти натиҷаҳои корҳои илмӣ – таҳқиқоти дар хоҷагии занбӯриасалпарварии «Ф. Саидов» ва хоҷагии фермерии «Бекмуродов М»- и ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон санҷиши истеҳсолӣ гузаронида шуд. Натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқоти собит менамояд, ки истифодаи афшурдаи кирминаи нарзанбӯр ба маҳсулнокии оилаҳои занбӯрони асал дар шароити ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон барои баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва зиёд намудани шумораи оилаҳои занбӯрони асал таъсири мусбӣ мерасонанд.

**Навгонии илмӣ.** Дар шароити ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон аввалин маротиба таъсири омилҳои экологию биологӣ ба қобилияти тухмгузории модарзанбӯр муайян карда шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии кор.** Аҳамияти омӯзиши назариявии таъсири омилҳои экологию биологӣ ба тухумгузории модарзанбӯр муайян намудани тараққиёти баҳорӣ, ҳолати зимистонгузаронӣ, фаъолияти парвозии занбӯрони корӣ, хусусиятҳои физиологии занбӯрон ва хусусиятҳои хоҷагидории оилаҳо дар шароити ноҳияи Кӯшониён ба мақсад мувофиқ аст.

Аҳамияти амалии натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар шароити ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон гузаронидашуда, дар раванди бозомӯзии мутахассисони соҳа, таҷрибагузаронии донишҷӯёну магистрон, ки аз рӯйи ихтисоси занбӯриасалпарварӣ таҳсил менамоянд, истифода бурда мешавад. Истифодаи натиҷаи тадқиқотҳои рисолаи илмӣ дар ҳамаи хоҷагиҳои занбӯриасалпарварӣ, махсусан дар хоҷагии занбӯриасалпарварии «Файзалӣ Саидов» ва хоҷагии фермерии «Бегмуродов М»-и ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон самаранокии иқтисодиро то 15% баланд мебардорад.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Муайян намудани таъсири омилҳои экологию биологӣ ба хусусиятҳои хоҷагидории оилаҳои занбӯрони асал.
2. Омӯзиш ва бунёди модарзанбӯр вобаста ба фасли сол, шаҳдҷудокунии растаниҳо, тайёр намудани оилаи пурқудрат бо истифодаи усули думодарӣ дар шароити ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон.
3. Муайян намудани маҳсулнокии оилаҳои занбӯри асал ва тухмгузории модарзанбӯрони офаридашуда вобаста ба омилҳои экологию-биологӣ.
4. Муайян намудани сифати маҳсулоти занбӯрони асал.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзӯъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти илмӣ мутобиқи барномаи тасдиқгардидаи шуъбаи селексия ва технологияи занбӯриасалпарварии Инситути чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ «Коркард ва дар амал ҷорӣ намудани усулҳои селексионӣ-генетикӣ ва технологӣ оид ба офаридани типи оилаҳои забӯри асали сермаҳсул» (РКД 0116TJ00552) гузаронида шудааст.

**Тасвиби таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Натиҷаҳои таҳқикот дар конференсияҳои илмию амалии аспирантон ва олимони ҷавони АИКТ (солҳои 2017-2019); Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Раванди таълим ва илми кишоварзӣ дар қарни 21: мушкилиҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо» (Душанбе, соли 2017); Конференсияи байналмилалии илмию амалии «Рақобатпазирӣ ва фаъолияти инноватсионии афзоиши истеҳсоли маҳсулоти хушсифати чорводорӣ» (Душанбе соли 2018); Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Усулҳои самараноки баланд бардоштани маҳсулнокии оилаҳои занбӯри асал» (Душанбе, соли 2019); дар ҷаласаи васеи шуъбаи занбӯриасалпарварии инстути чорводории АИКТ (соли 2020) пешниҳод гардиданд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти тухумгузории модарзанбӯрони бунёдӣ вобаста ба омилҳои экологию биологӣ дар тамоми хоҷагиҳои занбӯриасалпарварии фермерӣ ва хусусии ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон бомуваффақият истифода бурда мешавад.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Аз рӯйи маводҳои рисолаи илмӣ 4 мақола дар нашриҳои тасдиқгардидаи КОА ҶТ ва 9 мақола дар дигар нашриҳо ба табъ расидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Муаллиф ба таври мустақилона бо усули Ҷентер бунёди модарзанбӯрро ба роҳ монда онро аз худ намудааст. Инчунин таъсири омилҳои экологию биологиро ба тухмгузории модарзанбӯрони офаридашударо омӯхта, онро дар истеҳсолот истифода бурдааст. Аз рӯи маводҳои ҷамъовардашуда коркарди омории биометрӣ гузаронида, аз натиҷаи он дар конференсияҳои илмӣ – амалӣ баромад карда аст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 134 саҳифаи матни компютерӣ таҳя шуда, аз сарсухан, таҳлили адабиёт, мавод ва усулҳои таҳқиқот, натиҷаҳои таҳқиқот, самаранокии иқтисодӣ, санҷиши истеҳсолӣ, хулоса ва пешниҳодоти таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт оварда шудааст.

Диссертатсия бо 42 ҷадвал ва 13 расм, тасвир карда шудааст. Дар диссертатсия 151 адабиёти илмӣ истифода карда шудааст, ки аз онҳо 15 – тоаш адабиёти хориҷӣ мебошад.

Ҳамаи иштироккунандагон якдилона тарафдорӣ намуданд.

Раиси ҷаласа,
Мудири шӯбаи селексия ва технологияи
гусфандпарварӣ ва бузпарварии Институти чорводорӣ
ва чарогоҳи АИКТ, н.и.к. Давлатов Х.Қ.

Котиби ҷаласа, котиби илмии
Институти чорводорӣ
ва чарогоҳи АИКТ, н.и.к. Шомуродова З.М.

Сардори шуъбаи кадрҳои
Институти чорводорӣ
ва чарогоҳи АИКТ Каримова М.Ф.